# ПРОБЛЕМАҲОИ МАНЗИЛИИ ҶАВОНОН ВА РОҲУ УСУЛҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

**Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович-директори Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон, унвонҷӯи соҳаи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев**

*Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон таъминоти ҷавонон*
*бо ҷойи кор, манзил ё қитъаи замин*
*барои сохтмони хона проблемаҳои ҳалталаб*
*ба ҳисоб мераванд.*
***Э.Ш.Раҳмонов***

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон 15 сол боз мустақилона ба роҳи ташаккули ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба таври қатъӣ бо роҳи ислоҳот даровардан ва дигаргун сохтан дар сохторҳои иҷтимоӣ, тамоюли сиёсӣ ва иқтисодӣ устуворона қадам мезанад.

Дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти ҷомеа, дар шароити шикаст хурдани арзишҳои пешин, ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ ва принсипҳои демократӣ дар назди ҷавонон, ки яке аз гурӯҳҳои фаъоли ҷомеа аз нигоҳи сиёсат маҳсуб мегарданд, як қатор масъалаҳои мушкили иҷтимоию сиёсӣ, ки бо татбиқи ин ислоҳот қатъиян вобастаанд, истодааст. Ҷавонон тақдири чунин тағйиротҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро ҳал хоҳанд кард, зеро маҳз ҷавонон ғояҳо, ақидаҳо, ахлоқу одоб, шаклу усул ва арзишҳои ҳаёти иҷтимоиро ба оянда бо худ мебаранд. Маҳз, фарди ҷавон тақдириояндаи ҷомеаро дар дасти худ гирифта онро рушду такомул медиҳад.

Аз нигоҳи демографӣ ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза мавқеъи муҳимро ишғол мекунанд. Мутобиқи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 70,5% аҳолиро шаҳрвандони то 30 сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҷост, ки сатҳи миёнаи синнусолии аҳолӣ 22,5 - ро ташкил додааст. Ҷавонони синну соли издивоҷӣ бошад (15-30 сола) 30,8% аҳолиро ташкил медиҳанд, яъне аз се як ҳиссаи аҳолии Тоҷикистон фарди ҷавони дар доираи синну соли издивоҷӣ ва барпо кардани оилаи мустақил мебошад.

Оила яке аз гурӯҳҳои хурди иҷтимоию психологӣ буда зинаҳои душвори ҳаётиро мегузарад. Проблемаҳои оила ва муносибатҳои дохилиоилавӣ дар ҷомеа ҳамеша мавқеъи муҳимро ишғол мекарданд ва мекунанд. Аз инҷост, ки солҳои охир дар ҷомеа ба масъалаҳои ҳаёти оилавӣ бештар аҳамият медиҳанд ва ҳамин тавр ҳам бояд бошад. Чунки оила ва проблемаҳои он дар ҳаёти шахс дар мадди аввал меистад. Марҳилаи аввали барқарорсозии оила дар ҷараёни инкишофи оилавӣ яке аз марҳилаҳои душвори ҳаётӣ ба шумор меравад.

Бӯҳрони иқтисодию иҷтимоие, ки даҳсолаи охир дар марҳилаи гузариш ба сохтори нави давлатдорӣ ҷомеаи тоҷикро фаро гирифтааст, таъсири манфии худро ба оилаҳои ҷавон низ расонидааст. Қисми беши оилаҳои ҷавони Тоҷикистон бо проблемаҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ дучор гаштаанд ба монанди, ки муҳимтарини онҳо, надоштани манзили истиқоматӣ, бекорӣ, ногувории саломатӣ ва камсаводӣ мебошад.

Ҳама проблемаҳои дар боло номбар шуда, проблемаҳое мебошанд, ки ба якдигар ҳамбастагии зич дошта боиси ноустувории оила ва ҷомеаи навин мегардад. Ягона роҳи ҳалли ин проблемаҳо дар шароити имрӯзаи ҷомеаи муосир, расонидани ёрии иҷтимоию психологӣ ба оилаҳо мебошад, ки ҳам ба вазъи иқтисодӣ, ҳам ба вазъи саломатӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

Аз ин рӯ, бо назардошти он, ки проблемаҳои бештари ҳаётии ҷавонон ба монанди номусоидии шароити иқтисодӣ, низоъи байниҳамӣ бо волидон, рӯҳафтодагӣ ва носолимии рӯҳию ҷинсӣ ва муҳимтар ноустувории оила, ба таъмини манзил ҳамбастагии зич доранд. Имрӯз вақти он расидааст, ки атрофи ин масъала тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Таҷрибаи давлатҳои Россия, Тотористон, Белорусия, ва дигар малакатҳои пешрафта собит масозанд, ки масъалаи ба таври имтиёзнок таъмин намудани манзил

ба оилаҳои ҷавон яке аз масъалаҳои муҳим ва стратегии дилхоҳ давлати соҳибистиқлоли рӯ ба танназул ниҳода мебошад.

Чи тавре дар боло зикр гашт қисми зиёди аҳолиро шаҳрвандони ҷавони то 30 сола ташкил медиҳанд, ки 22,4% онҳо ҷавонони дар синну соли издивоҷӣ қарордошта мебошанд.

Ин маънои онро дорад, ки қисми зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон аллакай дар марҳилаи никоҳ шудан қарор доранд ва ё оиладор мебошанд, инчунин ҳуқуқ ва қобилияти мустақилона оиладор шудан ва ҳаёт ба сар бурданро доранд.

Имрӯз оилаи ҷавонро проблемаҳои ногувории шароити иқтисодӣ ба монанди, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, номусодии саломатӣ, сатҳи пасти тарбияи фарзандон, носозии муносибатҳо бо волидон, хонадоршавии барвақтии синусолӣ ва камаълумотӣ (камсаводӣ) фаро гирифтааст, ки яке аз сабабҳои мавҷудияти онҳо набудани манзили истиқоматӣ шуда метавонад.

Яке аз далелҳои таъсирбахши инкишофи оила, носозии хонадорон мебошад, ки оқибат ба парокандагӣ ва ҷудоии оила оварда мерасонад.

Миқдори никоҳшудагон агар дар соли 2000 950 нафар бошад, ин рақам соли 2004 ба 1454 нафар расидааст. Яъне, дар давоми 4 сол миқдори никоҳшудагон то 34,6% зиёд гаштааст ва проблемаи манзили истиқоматӣ низ афзуда истодааст, ки ин сабаби ногувории вазъи иҷтимоии оилаи ҷавон шуда метавонад.

Ҳамчунин, мутобиқи иттилооти Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон (с.2004) 29,9% оилаҳо аз 5 нафар зиёд фарзанд доранд. Воқеан ҳам мавриде, ки дар се яки оила аз 5 нафар зиёд бародарону хоҳарон зиндагӣ мекунанд, муқаррарист шароити иқтисодӣ имконият намедиҳад, то ҳар яке аз онҳо оиладор ва соҳиби манзили мустақили истиқоматӣ шаванд.

Дар шароити имрӯза бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ сабабҳои асосии ногувории оилаҳои ҷавон маҳсуб мегардад. Мувофиқи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 68,5% бекорони расман бақайд гирифтаро шаҳрвандони бекори то 30 сола ташкил медиҳанд. 40% ҷавонони бекорро шаҳрвандони 18-24 сола ташкил мекунанд, ки қишри асосӣ-нисбатан нозуки ҷавонон мебошанд. Шиддатнокии проблемаҳои бекорӣ аст, ки шароити иқтисодии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон ногувор гаштааст, муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамарӯза афзуда истодааст. Тибқи маълумоти Хадамоти шуғли аҳолии Тоҷикистон шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ дар як сол атрофи 350-450 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва ин миқдор низ ҳамасола афзуда истодааст.

Шароити ноустувори иқтисодӣ-сатҳи пасти даромаднокии аҳолӣ ва оила сабаби асосии ноустуворӣ ва инкишоф наёфтани оилаи тоҷик мебошад.

Ҷамъи даромаднокии аҳолӣ ба сари ҳар як нафар, ки дар асоси тадқиқоти интихоби хонаводаҳо (Омори солонаи ҶТ-2003) муайян гаштааст чунин мебошад.

Сатҳи даромаднокии моҳонаи аҳолӣ дар соли 1998 7,25 сомонӣ ва дар соли 2002 29,69 сомониро ташкил медиҳад. Ин шаҳодати он аст, ки ҳамасола сатҳи даромаднокии аҳолӣ афзуда истодааст, яъне сатҳи зисти аҳолӣ беҳтар мегардад. Вале мутаасифона ингуна даромаднокии пулӣ вобаста ба тараққиёти имрӯзаи ҷомеаи муосир на танҳо талаботи аҳолиро қаноъатманд карда наметавонад, балки он барои сатҳи миёнаи зист низ ниҳоят кам ва ҳатто чашмнорас мебошад. Новобаста аз ин даромади меҳнатӣ, махсусан даромад аз фаъолият дар соҳаи давлатию ҷамъиятӣ 43,2% ва даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ 42,4% даромад аз даромади умумиро ташкил медиҳад. Яъне, даромаднокии аҳолӣ дар ҳарду соҳаи фаъолият нисбатан баробар аст. Вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир даромаднокӣ дар он ҳолат афзоиш меёбад, ки агар қисми зиёди даромадро фаъолият аз фаъолияти истеҳсолӣ, хоҷагидории шахсӣ ва дигар фаъолияти хусусияти шахсидошта ташкил диҳад.

Бехтарсозии шароити манзилии аҳолӣ аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ рӯз аз рӯз коста гашта истодааст.

*Шумораи хонаҳои сохташуда* (*омори солонаи ш.Душанбе*).

<u>*Ҷадвали* 1</u>




Чи тавре аз иттилооти боло бармеояд шумораи хонаҳои сохташуда агар дар соли 1991 1526 ададро ташкил диҳад он дар соли 2000 ба 721 адад расидааст, яъне ҳамасола дар баробари афзудани шумораи аҳолӣ сохтмон ва таъмини манзил нисбат ба аҳолӣ кам гашта истодааст. Ҳамин аст, ки имрӯзҳо бозори нархи манзил баланд гаштаасту ба аҳолии шаҳр, аз ҷумла оилаҳои ҷавон дастнорас мебошад.

Имрӯз вақти он расидааст, ки дар самти беҳтарсозии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла шароити манзилии оилаҳои ҷавон, ки маҳз аз онҳо ояндаи усутвории пояи давлат ва ҷомеаи тоҷик вобастагӣ дорад, ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Ҳамин аст, ки имрӯз аз ҷониби мутахассисони Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон механизми дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон оид ба таъмини манзил, аниқтараш лоиҳаи Барномаи давлатии «Дастгирии оилаҳои ҷавон оид ба таъмини манзил», ки вобаста ба шароити имрӯзаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи тоҷик аҳамияти муҳиму стратегӣ ва тақдирсозро дар ҳаёти ҷавонон, аз ҷумла оилаҳои ҷавон дорад таҳия гашта истодааст. Имрӯзҳо бошад дар ин самти фаъолият лоиҳаи озмоишии Барномаи мазкур, дар асоси банди 46 Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар (21-майи соли 2005), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №184 аз 3 июни соли 2005 тасдиқ гаштааст, ба ҳокимияти давлатии иҷроияи шаҳри Душанбе барои амалӣ гардонидан пешниҳод гаштааст.

Умед аст, ки лоиҳаи мазкур аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пуррагӣ дастгирӣ ёфта амалисозии он боиси баланд гаштани сатҳи иқтисодӣ ва таъмин намудани оилаҳои ҷавон бо манзили истиқоматӣ мегардад.